**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАРМОИШ**

аз «04» 01 соли 2019 №01

Дар бораи мӯҳлати пешниҳоди ҳисоботи солонаи молиявии субъектҳои дорои манфиати умум ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади таҳлил ва иҷрои моддаҳои 8, 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, №154 «Дар бораи тадбирҳои иловагии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва тибқи банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, № 187 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Мӯҳлати пешниҳоди ҳисоботи солонаи молиявии субъектҳои дорои манфиати умум ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то санаи 15 июли баъд аз соли ҳисоботӣ муқаррар карда шавад.
2. Ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, бонкҳо ва дигар ташкилоте, ки ба субъектҳои дорои манфиати умум мансуб мебошанд, вазифадоранд, ки ҳисоботи солонаи молиявии худро якҷо бо хулосаи аудиторӣ дар мӯҳлати муқарраргардидаи банди 1 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.
3. Фармоиши мазкур баъд аз тасдиқ гардиданаш дар сомонаи расмии Вазорати молия бо тартиби муқарраргардида ҷойгир карда шуда, ҳамзамон ба субъектҳои дорои манфиати умум ирсол карда шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Вазири молия, сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Вазир Ф. Қаҳҳорзода